То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — 2 октябри соли 2021 — № 15-16 (145-146)

**Забон муҳимтарин унсури бақои миллат буда, оинаи рӯзгори гузаштаву ҳозира ва маҷмӯи тафаккуру андешаи халқ ба ҳисоб меравад ва яке аз арзишмандтарин сарчашмаҳои мероси гузаштагон барои наслҳои оянда арзёбӣ мегардад. Тавассути забон одамон ба ҳамдигар муошират карда, аз ҳоли ҳамдигар хабардор мешаванд ва таассуроташонро баён месозанд. Ҳангоми гуфтугӯ ва баёни фикр асолати забон боз ҳам равшантар зоҳир гардида, рукни тавонманд ва сарнавиштсоз будани он ошкор мешавад.**

**Забон инчунин падидаи фарҳанги миллӣ буда, ба воситаи он ҳар як шахс ҳуввияти хешро мешиносад, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд ва ҳофизаи маънавиашро қавӣ мегардонад. Илова бар ин, забон яке аз унсурҳои таконбахши таърихи фарҳанг ба шумор рафта, дар он анъана ва суннатҳои халқ ифода меёбад. Маҳз тавассути забон инсон арзишҳои маънавии халқи худро ҳифз менамояд ва ба ин арзишҳо арҷ гузошта, онҳоро ба наслҳои оянда мерос мегузорад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ИД МУБОРАК, УСТОДОНУ ДОНИШҶӮЁН!

## ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ОМӮЗГОР ВА РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Омӯзгорон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Боиси ифтихор ва фарахмандию хурсандист, ки чанде пеш мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла мову Шумо ҷашни бузургу муқаддаси миллӣ – сисолагии Истиқлолияти давлатии кишвари азизамонро бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил намудем.

30-соли соҳибистиқлолӣ нишон дод, ки Ватани маҳбубамон – Тоҷикистони озоду обод тахти роҳбарии оқилонаю хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳо ба комёбию дастовардҳои беназир соҳиб гардида, ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва сулҳхоҳу сулҳпарвар дар арсаи байналмилалӣ обрӯю нуфузи баландро соҳиб шуд. Имрӯз ҳар яки мо ҳамчун соҳибватан ифтихор мекунем, ки Ватани ободу зебо ва пешрафта дорем.

Ҳамкасбон ва донишҷӯёни азиз, бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар мардуми тоҷик расму ойинҳои беҳтарини қадимаи хешро, ки бо мурури замон аз байн рафта буданд, аз нав эҳё карда, ҷашну маросим, санаҳои таърихӣ ва дигар арзишҳои миллиро дар сатҳи баланд таҷлил мекардагӣ шуд. Аз ҷумлаи ҷунин идҳо, ки дар арафаашон қарор дорем, Рӯзи омӯзгор (якшанбеи ҳафтаи аввали моҳи октябр) ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки ҳамасола (шурӯъ аз соли 2009) 5-уми октябр дар сатҳи баланд таҷлил мегардад. Аз ин хотир, ҳамаи Шумо омӯзгорону донишҷӯёнро бо фарорасии ин ҷашнҳо сидқан табрику муборакбод гуфта, бароятон сиҳатмандӣ, саодати рӯзгор ва дар фаъолияти омӯзгорию донишҷӯиатон барору комёбиҳо орзу менамоям.

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,**
**Шавад тира аз бехирад рӯзгор.**

Ин мисраъҳои шеърии устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки зиёда аз ҳазор сол пеш гуфта шудаанд, баёнгари мақому манзалати баланди омӯзгор буда, имрӯз низ аҳамияти худро гум накардаанд. Дар ҳақиқат омӯзгор рӯшангари нури маърифат дар замири инсон мебошад, ки ҷашми ботинии ӯро мунаввар мекунад ва роҳи ҳалли мушкилотро ёфта, ба шогирд нишон медиҳад. Барҳақ, сарчашмаи ҳамаи дастовардҳо, ободии ҳамаи маҳфилҳо, камолоти шогирдон – ин устоди касбӣ аст.

Тавре ки шоир мефармояд:

**Дар базми ишқ шамъи фурӯзон**
**муаллим аст,**
**Мардум чу пайкаранд агар,**
**ҷон муаллим аст,**
**Он боғбони гулшани андешаҳои жарф,**
**Парвардигори рӯҳи ҳакимон**
**муаллим аст.**
**Мардум маодини зару симанд**
**дар сиришт,**
**Ҷӯёи ин хазоини пинҳон муаллим аст.**

Ҳамкасбони азиз, мақому манзалати муаллим, ки шахси пешқадамтарини ҷомеа ба ҳисоб меравад, рӯз то рӯз баланд мегардад. Яъне ӯ ва касбашро, ки хеле боифтихор ва заҳматталаб аст, чи қадар ки ситоиш кунем, кам аст. Аз ин хотир, бо овардани суханони педагоги машҳури рус С. Макаренко, ки гуфтааст: “Агар муаллим барои тафаккури насли наврас хизмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт”, ба ин мавзӯъ нуқта гузошта, мехоҳам дар бораи забони давлатӣ ҷанд сухан гӯям.

Забон унсури асосию муҳимми ҳастии миллат ва бунёду мабнои давлати миллӣ шинохта мешавад. Аз ин лиҳоз, он ба мисли вожаҳои Ватан, Модар, Истиқлолият аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ махсуб меёбад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон таъкид намуданд, ки «Забони миллӣ рукни муҳимтарини давлатдорӣ буда, ҳифз ва риояи намудани меъёрҳо ва аз осори гаронбаҳои пешин бой гардонидани захираи луғавии ин забони нобу шоирона вазифаи ҳар як соҳибватан мебошад».

Боиси ифтихор аст, ки давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ, алалхусус, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масоили рушди забони давлатӣ, таърихи ташаккули он таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ зоҳир намуда, оид ба эҳё ва густариши забони давлатиамон силсилаи тадбирҳои судмандро амалӣ намудаанд, ки Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (замимаи № 1 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 268), Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ (замимаи №2 ба қарори зикргардида) аз ҷумлаи онҳост.

Ҳамкасбон ва донишҷӯёни азиз! Мехоҳам сухани табрикотии хешро бо овардани иқтибос аз суханронии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки воқеан ҳам ба забони давлатӣ маҳбубият ва эҳтироми хосса доранд, хусни анҷом бахшам.

“Барои ман, – мегӯянд Пешвои миллат, – забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, шиносномаи миллати азизам, рӯҳи поки гузаштагонам ва оинаи осори ниёгонам мебошад. Аз ин рӯ, ман ба ин забони шевою шоирона сидқан арҷ мегузорам, бо ҳисси баланди ватандӯстӣ аз минбарҳои баланд бо ин забон сухан мегӯям, аз лаҳни шакарину дилнишинаш лаззати маънавӣ мегирам ва ҳастиамро бо ҳастии забонам пайванд дониста, ин гавҳари хушоб ва дурри ҷаҳонтобро пайваста ситоиш ва тарғиб менамоям. Ба ин хотир, доир ба таърихи ташаккули забони тоҷикӣ мақолаву асарҳо таълиф менамоям, дар ҳар суханрониам бузургиву тавоноии онро таъкид месозам ва барои ҳифзу ҳимояаш талош мекунам”



Бори дигар ҷашнҳои Рӯзи омӯзгор ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бароятон муборакбод мегӯям!

# ЗАБОН РУКНИ МУҲИММИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Ҳамасола (шурӯъ аз соли 2009) 5-уми октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ дар саросари кишварамон ҷашн гирифта мешавад. Забон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ сайру таърихи тӯлонӣ дорад. Такя ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар масъалаи он ки тачаддуди таърихию фарҳангии мардуми эронитабор аксар дар муҳити Самарқанду Бухоро, Балху Ҳирот ва Хуҷанду Фарғона, ки ба маънии том марказҳои асосию азалии қавми тоҷик махсуб меёбад, ба вуҷуд омада, баъдан ба қисматҳои ҷанубу ғарбии Эрон, Озорбойҷон, қисматҳои Ҳинду Чин, Покистон ва Осиёи Сағир гузаштаанд. Ба шарофати давлатдории аҳди Сомониён маҳалҳои асосии тоҷикнишини Хуросони Бузург дар ҳудуди гаҳвораи тамаддуни ориёиҳо- шаҳри Бухорои бостон муттаҳид карда шуданд. Ваҳдати маданин халқияти тоҷик боиси рушду ташаккули забони муштараки тоҷикии порсии дарӣ гардид. Соҳибкирони аҳли удабои замона – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ин иқдоми ватанпарваронаи Сомониён болида гуфта буд:

**Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,**
**Варо бузургию неъмат зи Оли Сомон буд.**

Барҳақ, гаҳвораи илму фарҳанг Бухоро буд. Бухорое, ки ба қавли Абӯбакри Наршахӣ «ҳафтод ҳазор алам бувад, дар зери ҳар аламе ҳафтод ҳазор шаҳид», Бухорое, ки танҳо зикри уламою удабояш, ба қавли Абулфазли Марвазӣ «дафтарҳо бояд», ҳамон Бухорое, ки бо хираду таwоноии аҷамиён бунёд шуда буду борҳо зери асорату тохтутози, сухтору куштор ва ғоратгариву истисмори аҷнабиён қарор гирифта, ҳар дафъа аз нав қомат рост карда, бино шудааст.

Эҳёи дигарбораи таърихии мардуми эронинажоди Мовароуннаҳру Хуросон дар самти ташаккули маданияти маънавӣ ба пояи баланд расид. Омили ин маданияти олимарому олимақом забони тоҷикии порсии дарӣ буд, ки мутаассифона, то кунун нуфузи ҷаҳонӣ пайдо накардааст. Амри таърих аст, ки танҳо дар ҳазор соли охир забону фарҳанги оламшумули ориёӣ бо вуҷуди асорату сӯхтору ғоратгарӣ ва ба нобудӣ расониданҳои дар сарзамини Аҷам баамаломада, на фақат ба нестӣ нарасидааст, балки сар то сари як хиттаи бузург густариш ёфта, ба мақоми баланди таърихию фарҳангӣ расидааст.

Бо вуҷуди аз сар гузаронидани ин қадар нокомиҳои замона, тохтутозҳои берахмонаву ғоратгарона, сухтору куштор ва парокандагии миллиизвестӣ мазҳабӣ ва дар чорсӯи таърих танҳо мондани ниёгонамон на ин ки аз доираи таърих берун нашуданд, балки барқарору густариш ва ташаккул ёфта, бакою асолати забони тоҷикро нигоҳ доранд ва онро аз таъсири дигар забонҳо начот диҳанд. Забони тоҷикӣ дар тули ин солҳо дар баробари забони давлатдориву коргузорӣ, вазифаи васлгарии халқияту миллатҳои гуногунро низ ба ҷо овардааст. Забони тоҷикӣ забони ҳамдилӣ, забони илму фарҳанг ва забони сулҳу осоиштагӣ аст.

с. 3

# ТОҶИКИСТОН ХОҲОНИ БУНЁДИ АФҒОНИСТОНИ НАВИН, БОАМНУ БОСУБОТ ВА РУШДУ ПЕШРАФТА МЕБОШАД



Яке аз самтҳои муҳиме, ки дар замони Истиқлолияти кишвар рушд намуда, воқеан тавонист кишвари моро ба ҷаҳониён муаррифӣ созад ва муносибати ҳасанаро дар равобити минтақавию ҷаҳонӣ ба миён оварад, ин самти фаъолияти хориҷии ҳукумати мамлакат мебошад.

Мусаллам аст, ки ҳанӯз аз бомдоди ба Истиқлол расидани кишвар ва ба миён омадани раванди сулҳу ваҳдати миллӣ, Тоҷикистон дар равобити байналмилалии хеш "сиёсати дарҳои боз"-ро эълон намуд ва хостори ҳамкорӣ бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, ки мехоҳанд муносибати ҳасана ва эътирофи манофеи баробари тарафайнро дошта бошанд, пеш гирифт. Ҳамин аст, ки шомили созмонҳои зиёди байналмилаливу минтақавӣ гардид. Яке аз ин гуна созмонҳо Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба ҳисоб меравад, ки ҳанӯз 20 сол муқаддам, яъне 15-уми июни соли 2001 дар шаҳри Шанхайи Ҷумҳурии Мардумии Хитой таъсис ёфта буд.

Қобили зикр аст, ки яке аз поягузорони ин созмон Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Воқеан, СҲШ дар давоми 20 соли мавҷудияти хеш тавонист ба аксари масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиву амниятии кишварҳои аъзои хеш расидагӣ намояд. Ин созмон дар ибтидо фарогири танҳо панҷ кишвар буда, бо номи панҷгонаи Шанхай муаррифӣ гардида буд. Дар дарозои фаъолияти хеш аъзои он тавсеа ёфта, кишварҳои дигари минтақа низ шомили он гардиданд. Тоҷикистон, ки бо такя ба сиёсати устувори хориҷии худ ҳамеша ҷонибдори ҳамкории судманди бисёрҷониба дар масоили иқтисодиву амниятӣ ва экологиву сиёсӣ мебошад, самти фаъолияташро дар ин росто ба пешгирӣ аз ҳамагуна хатароти муштараки амниятӣ ва экологиву қочоқи моводи мухаддир равона сохтааст. Аз ин ҷост, ки дар тамоми суханрониҳояшон Пешвои миллат масъалаи суботу амнияти кишварҳои минтақа, роҳҳои боло бурдани дараҷаи некуаҳволии сокинони кишварҳо, хатарҳои терроризму экстремизм, қочоқи моводи мухаддир ва амсоли инро пайваста мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Ҳанӯз аз бомдоди Истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат хоҳони он буду хаст, ки низоми навини ҷаҳонии дар ҳоли ташаккул бояд комилан озод аз ҷангҳову даргириҳо, зулму ситам, хушунату таасуби фарҳангиву мазҳабӣ, бегонаситезӣ ва устувор бар пояи ҳамкориҳои баробару мутақобилан судманд ва мушорикати ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бошад. Ва мубориза бо таҳдиду чолишҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ, дар ҳамбастагии зич ва ҳамкории якҷояи давлатҳои дунё бар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, сурат пазирад. Дар ин росто Тоҷикистон яке аз ташаббускорони таъсиси маркази мубориза бо терроризм дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай мебошад, ки он фаъолона амал мекунад. Бо пайгирӣ аз ин сиёсати устувор Сарвари давлати тоҷикон ҳамеша дар суханрониҳои хеш сулҳу субот ва амниятро яке аз масъалаҳои меҳварӣ зимни баромадҳои хеш дар созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ медонанд.

Дар суханронии навбатии хеш низ Пешвои миллат рӯзҳои 16-уму 17-уми сентябр зимни нишастҳои СПАД ва СҲШ аз вазъи Афғонистон ва ба як фоҷиаи инсонӣ табдил ёфтани манотиқи ин кишвар ишора намуданд.

Воқеан, имрӯз, вақте сухан дар бораи ҳифзи сулҳ, суботу амнияти минтақа ва ҷаҳон меравад, пеши назар вазъи фоҷиабори ҳамсояхишвари ба мо дӯсту бародар-Афғонистон падид меояд, ки 40 сол инҷониб дар оғӯши ҷанги хонумонсӯз қарор дорад. Бар асари муноқишаҳои дохилӣ ин кишвари азияткашида ба лонаи гурӯҳҳои террористӣ, ҷинояткеша, макони парвариши моводи захрогини мухаддир табдил ёфтааст. Мувофиқи оморҳои расмӣ 90%-и героини ҷаҳон дар Афғонистон истеҳсол гардида, он ба манбаи асосии даромад ва фаъолияти зиддиинсонии гурӯҳҳои террористӣ табдил ёфтааст. Илова бар ҳамаи ин, ҳоло гурӯҳҳои Толибонӣ, ки дар иддае аз кишварҳои ҷаҳон ҳамчун созмони террористиву мамнуъфаъолият шинохта шуда, баъзе аз сарони он тахти пайгарди байналмилалӣ қарор доранд, ҳокимиятро дар ин кишвар қабз намудаанд.

Қобили қайд аст, ки Пешвои миллат ҳамеша масъалаи сулҳу суботи ҳамсоякишварро дар меҳвари суханрониҳои хеш қарор медиҳанд. Ҳамин аст, ки ҳанӯз дар нахустин суханронии худ аз минбари баланди СММ 30-юми сентябри соли 1993 Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон вазъи Тоҷикистонро таҳлил намуда, воқеияти Афғонистонро чунин шарҳ дода буданд: «Мо қатъиян бовар дорем, ки дастгирии ҷиддӣ ҷаҳди серзаҳмати роҳбарияти Афғонистон дар бобати барқарор намудани сулҳу оромӣ дар сарзамини машаққатдидаи афғон нафақат ба манфиати ин мамлакат, балки ба манфиати тамоми сайёра мувофиқ мебуд. Замонҳое буданд, ки баъзе давлатҳо барои ҷанги Афғонистон маблағҳои зиёд харҷ мекарданд. Ба фикрам вақти он расидааст, ки дар ин ҷо ба барқарор кардани ҳаёти осоишта ёрӣ расонда шавад. Афғонистони ноорому номуътадил нафақат ба Тоҷикистон хавф дорад».

Бори дигар, ин андеша аз тарафи Пешвои тоҷикон моҳи сентябри соли 1994 дар Иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ ба тарзи зайл баён гардида буд: «Вазъияти ин мамлакат, ки ҷанги дохилӣ бар муносибатҳои ҷамъиятӣ ғолиб омадааст, ҷомеаи ҷаҳонро бепарво гузошта наметавонад. Муноқишаи Афғонистон хавфи ба миён омадани воҳидҳои ҷузъии ҷуғрофиро пеш меорад, ки дар оянда заминаи терроризми байналхалқӣ ва худсарона паҳн гардидани аслиҳаю моводи нашъаовар шуда метавонад. Вазъияти сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон вазъияти як минтақаи бузургро муташанниҷ мегардонад. Мо ҷомеаи ҷаҳонро даъват менамоем, ки проблемаи Афғонистонро ҷиддан мавриди муҳокима қарор диҳад. Бовар дорем, ки коҳиши шиддати вазъияти Афғонистон ба ҳалли проблемаҳои байни тоҷикон низ таъсири мусбат хоҳад расонд».

Дар Иҷлосияи панҷоҳуми Ассамблеяи Генералии СММ 24-уми октябри соли 1995 Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи муташанниҷи Афғонистонро таҳлил карда, дар бораи ин кишвар чунин изҳор намуда буданд: «Тамоюлҳои торафт авҷгирандаи шиддати вазъ дар ин ҷо на танҳо амнияти кишвари моро ба хатар мувоҷеҳ месозанд, балки дар онҳо раванди харобиовари бӯҳрони азиме ниҳон аст.

Мо ҷомеаи байналмилалиро даъват менамоем, ки ҳарчи зудтар ба барқарории сулҳ дар ин сарзамини ҷафокашида мусоидат кунанд. Ҳаллу фасли бӯҳрони Афғонистон на фақат иштироки фаъолонаи кишварҳои минтақа, балки амали самарабахши Созмони Милали Муттаҳидро тақозо мекунад. Проблемаҳои рушди иқтисодии давлатҳои навтаъсиси аъзои СММ бо масоили амнияти ҳамагонӣ вобастагии амиқ дорад».

Талошҳои пайгиронаи худро нисбат ба қазияи Афғонистон Президенти Тоҷикистон идома дода, соли 1998 дар иҷлосияи Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод намуданд, ки дар атрофии Афғонистон бо мақсади пешгирии қочоқи моводи мухаддир ва саркӯбсозии терроризми фаромиллӣ «камари амният» ташкил карда шавад.

Вақте ба раванди мантиқии пайгирии кишвари мо аз вазъи кишвари Афғонистон таваҷҷуҳ менамоем, хоҳем дарёфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидо дар мавриди қазияи Афғонистон дар он мавкеъ буд, ки «бӯҳрони Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад ва онро фақат бо роҳи ҳалли мусолиматомези сиёсӣ, бунёди ҳукумати фарогири сиёсӣ ва миллӣ бартараф кардан мумкин аст». Тоҷикистон хоҳони бунёди Афғонистони навин, боамну босубот ва рушду пешрафта мебошад. Ҳоло низ даъвати Пешвои миллат аз аъзои СҲШ ва дигар созмонҳои ҷаҳонӣ ҳамин аст, ки ба қазияи Афғонистон расидагӣ намоянд ва нагузоранд, ки он ба як меҳвари ноамниву терроризми ҷаҳонӣ табдил ёфта, дар он ба наслкушиву аз байн бурдани қавмҳову миллатҳои дигар даст бизананд.

Нишасти навбатии СҲШ (16-ум ва 17-уми сентябри соли 2021), ки ба бистсолагии таъсиси ин созмон рост омад, дар пойтахти кишварамон-Душанбешаҳр дар сатҳи ниҳоят баланди сиёсию коргузорӣ баргузор гардид ва бори дигар собит намуд, ки шаҳри Душанбе ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як маркази баргузории чорабиниҳои сиёсии байналмилалии қобилияти пазироии теъдоди зиёди давлатҳо ва меҳмонони хориҷиро дорад. Нишасти созмони мазкур чи аз назари сиёсӣ ва чи аз назари муносибатҳои байналхалқӣ бори дигар ҷойгоҳи Тоҷикистонро ҳамчун як давлати амн ва босубот муаррифӣ намуд. Дар ин нишаст аз тарафи иштирокдорон масъалаҳои гуногуни минтақавиву ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, аз ҷумла масоили иқтисодӣ дар сатҳи кишварҳои минтақа, инчунин масоили бӯҳронҳои иқтисодӣ молиявӣ ва бархурдҳои иқтисодии байни кишварҳо дар баррасии сарони он садо доданд. Ҳамчунин масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла, масъалаи терроризму экстремизм ва ба корҳои ҳамдигар дахолат накардани давлатҳо яке аз масъалаҳои меҳварии ин нишастро дар бар мегирифт.

Воқеан, нишасти Душанбе тавонист як бори дигар роҳбарони кишварҳои минтақавиро барои ҳаллу фасл ва андешидани тадбирҳо дар мавриди мушкилоти минтақавӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо водор намуд. Масъалаҳои дар нишасти мазкур роҳандозишуда тақозо менамояд, ки кишварҳои осиёӣ ба хотири ҳалли мушкилоти минтақавӣ ҳамкориҳоро боз ҳам дар сатҳи ин машварат тақвият бахшида, онро ба сатҳи як созмон, ки дорои салоҳиятҳои бештар ва таъсиргузор дар равандҳои митақавӣ бошад, оварда расонанд. Дар маҷмӯъ нишасти Душанбе барои кишварҳои узви ин созмон дорои аҳамияти қобили мулоҳиза буд.

**И. ШАРИФЗОДА,**
**мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

# ЗАБОН РУКНИ МУҲИММИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

(Аввалаш дар саҳ. 1)

Маҳви забон маҳви миллат ва миллатҳои соҳибзабон аст. Дар замони хатарҳои ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) барои миллатҳо ва халқиятҳои хурду бузурги сайёра аз байн рафтани забони миллии халқу миллатҳои бузург, ба сифати забони давлатӣ ва коргузорӣ қабул намудани забонҳои ғайр бояд ба ҳар халқу миллатҳои соҳибзабон сабақи ҷовидонии таърихӣ бошад. Таъсиру нуфузи забонҳои муқтадир, майли беандоза ба забонҳои ғайр, махлутӣ ва бетаваҷҷуҳӣ ба забон, таваҷҷуҳи аз меъёр зиёд ба технологияи пешрафтаи муосир метавонад омили эҷоди хатарҳои ҷаҳонишавӣ бошад.

Хушбахтона, забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, тайи садсолаҳо бо вуҷуди мушкилиҳои зиёди пешомада зина ба зина ташаккул ва такомул ёфтааст.

Дар замони соҳибистиқлолии миллии кишварамон забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ дар корҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ мақому мартабаи олӣ дорад. Ҳамчунин, забони давлатӣ омили муҳимми иттиҳод ва ҳамбастагии миллатҳо ва халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

Инчунин дар даврони Истиклолият забони тоҷикии давлатӣ ба забони илм табдил дода шуда, ҳамагуна рисолаҳои илмӣ ба забони давлатӣ таҳия ва таълиф мегарданд. Таҳияи истилоҳоти илмӣ, ки барои ба забони илм табдил ёфтани забони тоҷикӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, масъалаи муҳим аст. Ҳамчунин, таҳия ва ҳамгунсозии истилоҳоти забон, таҳқиқи масоили услубшиносии забони тоҷикӣ, фарҳангномаҳои классикии форсӣ-тоҷикӣ, таҳия ва нашри фарҳангҳои русӣ ба тоҷикии истилоҳоти техникӣ, технологӣ, биология ва тиб, таҳияи вожаномаву муҳоваранҳои дузабонаю сезабона, таъмини тарҷумаи расмии ҳуҷҷатҳои соҳавӣ ба забони давлатӣ, таҳияи Барномаи сатҳи академии забони тоҷикӣ ва забони илм, фарҳангҳои истилоҳотии соҳавӣ, тафсирии англисӣ-русӣ-тоҷикии истилоҳоти технологияи компютерӣ, истифодаи забони давлатӣ дар технологияҳои компютерӣ, таҳияи барномаҳои компютерии омӯзиши забони давлатӣ, омӯзиши фанҳои дигар ба забони давлатӣ, таҳияи барномаҳои тарҷумаи компютерӣ аз забони тоҷикӣ ба забонҳои дигар ва аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ, ворид намудани шакли электронии "Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ" дар сомонаи интернет ва даҳҳо чунин тадбирҳои нақшавии Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омили ташаккул ва татбиқи забони давлатӣ ҳамчун забони илм ва истилоҳоти илмӣ шуда метавонад. Забони миллии давлатӣ дар мақоми забони илму фарҳанг омили огаҳии соҳибзабонон аз таърихи қадимии забон, осори фаровони ниёгони бофазламон, ки дар давоми таърихи садсолаҳо ба забони илм таълиф ёфта, диққати аҳли илму фарҳанги ҷаҳониро ба худ ҷалб ва тасхир кардаанд, мебошад. Забон рукни муҳимми давлатдорӣ ва тафаккуру ҳувияти миллӣ ба шумор меравад.

**НУРОВА К.А.,**
**дотсенти кафедраи**
**забони тоҷикӣ**

# АЗ КАСБАМ ИФТИХОР МЕКУНАМ

**"Шахси донишманд зиннатгари ҳар анҷуман аст. Агар аз хурдӣ то ба дами марг барои омӯхтани илму андӯхтани дониш камар бандем, саҳве нахоҳад шуд, зеро асоситарин ва беҳтарини амал дар зиндагии инсони асил илм омӯхтан аст".**



Оре, месазад муаллимро инсони асил ва комил хонем. Зеро муаллим нафарест соҳибилм, манбаи фазлу камол ва омӯзонандаи хираду илму ирфон. Ҳама умр меомӯзаду таҷриба мекунад. Ин ҳама андӯхтаҳои хешро меомӯзонад ба аҳли башар, ба насли нав ва насли фардо. Ҷомеасозу замонасоз аст муаллим. Зеро ҳар нафари созандаи ҷомеаю замона аз сабақҳои тафаккурсози муаллим чароғи ақл равшан кардааст ва донишу заковати бузург аз бар намудааст. Воқеан, саҳми арзишманд дорад муаллим дар рушду пешрафти ҷомеа. Пас омӯзандаи ибрат аст роҳи паймудаи зинадагии муаллим. Яке аз чунин дилбохтагони ин касби пуршараф, ки аз ҷавонӣ то ин дам дар ин ҷодаи пурзаҳмат ранҷ кашидааст, Ҳусанова Тамара Қодировна мебошад. Ӯ 7-уми марти соли 1961 дар оилаи зиёӣ дар шаҳри Куйбишеви Федератсияи Россия ба дунё омадааст. Соли 1974 мактаби миёнаи №6-и ноҳияи Панҷакентро хатм кардааст. Солҳои 1974-1979 дар Омӯзишгоҳи педагогии ба номи Луначарскийи шаҳри Панҷакент таҳсил кардааст. Баъдан дар соли 1979 ба факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1984 бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти рус хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ фаъолияти меҳнатиашро солҳои 1984-2000 дар кафедраи забони русӣ барои донишҷӯёни хориҷии Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ) оғоз кардааст. Аз соли 2000-ум то ин ҷониб дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолияти пурсамар дорад. Солҳои 2000-2009 дар вазифаи муаллими калони кафедраи забони русӣ ва романӣ-олмонии донишгоҳ ва солҳои 2006-2012 ба ҳайси мудири китобхонаи илмии донишгоҳ, саромӯзгори кафедраи забони русӣ ва ташаккули имиҷ, солҳои 2012-2013 мудири кафедраи забони русӣ, педагогикаи таҳсилоти олӣ ва ташаккули имиҷ, солҳои 2013-2016 мудири кафедраи забони русӣ, педагогикаи таҳсилоти олӣ ва солҳои 2016-2021 мудири кафедраи забони русӣ ва таҳсилоти касбӣ фаъолияти назаррас намудааст.

"Ҳар муаллим коргоҳи эҷодии худро дошта, он сол аз сол ғанитар мегардад". Воқеан муаллим нафарест, ки аз нӯшидани оби уқёнуси илму хирад боз ҳам хостори нӯшидани соғаре аз ин баҳр аст. Ин аст, ки Тамара Ҳусанова 27-уми ноябри соли 2010 бомуваффақият рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, боз ҳам соҳибиззат гардида, дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогиро соҳиб гардидааст. Ӯ омӯзгорест, ки миёни ҳамкасбону шогирдон бо меҳнатдӯстӣ ва тозакорию фидокорӣ дар касбаш обрӯйи махсус пайдо кардааст. Зеро на чун нафарони хасакию рӯяки аз ин касби пуршараф нон мехӯрад, балки нонашро ҳалол мехӯрад, яъне поквиҷдононаю содиқона хидмати ин ватану насли ин миллат кардааст. Ин ҳама заҳмату талошҳояш қадрдонӣ гардида, 16-уми сентябри соли 2010 бо Ифтихорномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сентябри соли 2017 бо нишони Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст. Соли 2019 соли бобаракат буд барои ин бонуи заҳматпеша, чунки ӯ унвони илмии дотсентиро соҳиб гардид. Тамара Қодировна зани маҳбубу чеҳрагарм, хушгуфтору диловар ва чун модар аз ҷумлаи зеботарину меҳрубонтарин модарон аст, ки се писари донишманду хушахлоқро ба камол расонида, соҳибмаълумот гардонидааст. Тамара Қодировна бибии хирадманду пандгӯи андешамандест ва чун инсон, инсони асилу комил аст, ки рисолати инсониашро ба тавре хеле воло пеш мебарад. Дигар то куҷо қудратманд бошад як зан бо ҳамаи ин заҳмату талошҳо, ки кардааст ва чаро қаҳрамони қисматаш набошад ин устод. Пас, ҳалолат бод ин номи пуршараф ва ин ҳама иззатмандӣ, Ҳусанова Тамара Қодировнаи азиз!

**Тағойгули Саъдулло,**
**корманди китобхонаи**
**илмии ДТТ**

# "THOSE WHO EDUCATE CHILDREN WELL ARE MORE TO BE HONORED THAN PARENTS, FOR THESE ONLY GAVE LIFE, THOSE THE ART OF LIVING WELL." – ARISTOTLE

Teaching is a noble profession that allows a person to spread knowledge, share wisdom, and build the youngsters as capable and responsible adults in the future. In that sense, the future of this world is truly in a teacher's hands! Teachers teach students with great care and patience, and their hard work must be recognized by society.

From giving us a purpose to setting us up as successful citizens of the world, teachers inspire in us a drive to do well and succeed in life and to recognize this hard work of our mentors Teachers' Day is celebrated in Tajikistan with great pomp and show. Teachers' Day is celebrated in October 5 in Tajikistan, but every country celebrates the day on different dates.

Teachers hold the keys to better future for all. They inspire, challenge and empower innovative and responsible global citizens. They take children into school, keep them there and help them learn. Every day, they help to build the inclusive knowledge societies we need for tomorrow and the century ahead. On this Teachers' Day, we join forces to thank teachers and to call for more, better trained and supported teachers.

Nothing can replace a good teacher. Evidence shows that teachers, their professional knowledge and skills are the most important factor for quality education. This requires stronger training upfront and continual professional development and support, to enhance performance and learning outcomes. We know this and yet, far too often, teachers remain under-qualified and poorly paid, with low status, and excluded from education policy matters and decisions that concern and affect them.

Using this opportunity I am going to thank all the teachers of my country. You have taught me more than the books. You have taught me the ABC of life. Blessed to have you in life! Happy Teachers' Day!

**Aboszoda Zafarjon Islomuddin**
**Employee of the faculty**
**of the international**
**management and marketing**

# ЗАБОН ҲОДИСАИ ҶАМЪИЯТИСТ

Забон як рукни муҳимми ҷаъмият мебошад, ки мо ба воситаи он фикри худро баён намуда, фикрҳои дигаронро дарк мекунем. Ҷамъият ва забон баробар пайдо шудаанд. Ҷомеа бидуни забон ва забон бидуни ҷомеа вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин рӯ, баробари рушду пешрафти ҷомеа забон низ такомулу тағйир меёбад ва дигаргуниҳои ҷомеа низ дар забон бозтоб мешаванд. Нишонаҳои аввалини илми забон дар Ҳиндустон, Арабистон, Хитой ва Юнони Қадим ба амал омада буданд. Масалан, қабилаи шумерҳои Арабистон 3-4 ҳазор сол пеш аз солшумории мо системаи хат доштанд. 2500 сол пеш аз солшумории мо ҳиндуҳо доир ба забон хеле корхо карда буданд. Олимон ҳодисаҳоеро ҳам қайд кардаанд, ки кӯдакон бо вуҷуди тамоман дуруст ва беиллат будани аппарати нутқашон гап зада наметавонанд, зеро онҳо дар байни ҳайвонҳо калон шудаанд.

Масалан, соли 1920 дар Ҳиндустон ду духтарчаро аз байни бачагони гург дастгир намуда, ба тарбияи онҳо машғул мешаванд. Духтарчаи калонӣ, ки Камола ном дошт, танҳо баъди се сол бо ду пой рост истоданро ёд мегирад ва баъди ҳафт сол роҳгардиро, вале ҳангоми давидан боз чорпо мешуд. Соҳиби забон гардидани ӯ боз ҳам душвортар буд. Баъди чор сол шаш калима ва баъди 7 сол ҳамагӣ 50 калима ёд мегираду халос. Камола дар иҳотаи ҳайвонҳо ҳамагӣ 5 сол буд ва ин ба "одамшавии" ӯ ин дараҷа таъсири бад расонид. Агар забон ҳодисаи биологӣ мебуд, ин духтарчаҳо соҳиби забон мешуданд. Инҳо ба он шаҳодат медиҳанд, ки забон ҳодисаи биологӣ нест. Як гурӯҳи дигари олимон забонро ҳодисаи нажодӣ, ҳодисаи психикӣ, ҳодисаи синфӣ, номидаанд, ки ин ғалат аст. Пас, маълум мешавад, ки забон ҳодисаи ҷамъиятист.

Забон чун воситаи муносибат ба тамоми давраҳои ҷамъияти инсон тааллуқ дорад. Ба ҷамъият, ба халқ хизмат кардан ҷиҳати асосии забон аст ва ин забонро бо дигар ҳодисаҳои ҷамъиятӣ алоқаманд мекунад.

Забони адабии тоҷикӣ ҳамчун забони шаклгирифта ва инкишофёфта аз соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати забони давлатӣ шинохта мешавад. Давраи ташаккулу инкишофи ин забонро забоншиносон ва муҳаққиқони соҳа ба асрҳои IX-X мансуб медонанд, чунки дар ин даврон нобиғаҳое ба монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва дигарон, бо осори офаридаи худ бо ин забон машҳури дунё гардидаанд.

Забон аввалин ва муҳимтарин нишонаи ҳастии миллат ба шумор меравад ва яке аз василаҳои асосии таҳкими ваҳдату ягонагии миллатҳои гуногуни дунё низ мебошад. Забон унсури асосӣ ва нишондиҳандаи фарҳангу тамаддуни миллат буда, дар рушди давлатдории миллӣ низ нақши муҳимро мебозад.

**Гулрух ИМАТШОЕВА,**
**донишҷӯи курси 3,**
**ихтисоси 19010105**

**Ба истиқболи рӯзи кормандони соҳаи саноати хӯроквории ҷумҳурӣ**

# ҲОЛАТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ СОҲАИ ШАРОББАРОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тавре ки маълум аст, обу ҳаво ва иқлими Тоҷикистон барои парвариши навъҳои зиёди мева мусоид аст. Чунин шароити хуби табиии кишвар имкон медиҳад, ки дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ маҳсулоти нав ба нав истеҳсол карда шавад.

Токпарварӣ ва шаробкашӣ аз қадим дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза арзиш дошта, бо гузашти замон рушд пайдо кард. Бахсусус, баъди таъсиси Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон истеҳсоли ангур ва саноати хӯроквории вусъат ёфт.

Соли 1929 дар шаҳри Ӯротеппа (Истаравшани ҳозира) нахустин корхонаи шаробпазӣ арзи ҳастӣ намуд. Тибқи баъзе маълумотҳои муътамад сохтмони корхонаи шаробпазӣ дар ин шаҳр соли 1904 оғоз ёфтааст. Дар солҳои 20-уми асри гузашта ин ягона маркази токпарварӣ ва шароббарорӣ дар ҷумҳурӣ махсуб мешуд. Соли 1930 дар ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дуюмин корхонаи шаробпазӣ, соли 1931 бошад, дар шаҳри Панҷакент ва соли 1936 корхонаи машруботи шаҳри Душанбе таъсис ва ба фаъолият шурӯъ намуданд. Ин корхонаҳо ҳар яке дар пешрафти соҳаи машруботбарорӣ саҳми арзанда дорад.

Токзорҳо ҳам дар заминҳои обӣ ва ҳам дар заминҳои лалмӣ доман пахн карда, истеҳсоли ангур дар саноати хӯроквории ба таври васеъ истифода мешуд. Имрӯз дар қаламрави ҷумҳурӣ чунин навъҳои ангур аз қабили "Тагобӣ", "Ркасители", "Кишмиш", "Тойфӣ", "Алеатико", "Алиготе", Баян Ширей, "Кара гузал", "Изабелла", "Каберне-Савинон", "Мускат", "Нимранг", "Рислинг", "Саперави", "Султонӣ" ва ғайра парвариш шуда, дар корхонаҳои шаробпазӣ коркард карда мешаванд.

Корхонаҳои шаробкашии ҷумҳурӣ дар солҳои 50-ум ва 60-уми асри XX дар зинаҳои аввали рушд қарор дошт. Дар даҳсолаҳои минбаъда дар кишвари мо навъҳои нави машрубот коркард шуда, истеҳсол гардид. Дар солҳои охир мутахассисон қариб 30 номгӯи шаробҳои навъи тоҷикиро бо истифода аз технологияи муосир бо номи "Ширинӣ", "Ҳисор" ва ғайра истеҳсол карда, пешкаши муштариён гардонидаанд. Корхонаи шаробкашии шаҳри Душанбе бо маҳсулоти истеҳсолкардааш дар озмунҳои байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 21 медали тилло ва 11 медали нуқра гардид.

Солҳои охир аз сабаби маҳдуд шудани содироти маҳсулоти машрубот ба кишварҳои дуру наздик соҳаи шаробкашӣ дар ҷумҳурӣ ба пастравӣ майл карда, ҷиҳати ғанигардонии буҷаи давлатӣ аз ин ҳисоб аҳамияти худро гум карда истодааст.

Ба андешаи мо, пешрафт ва азнавбарқарорkунии соҳаи шароббарорӣ аз омилҳои зерин иборат аст:

- барқароркунии боғҳои ангур ва бартарӣ бахшидан ба ҳоҷагии токпарварӣ;
- ба вуҷуд овардани марказҳои фурӯши ангур дар дохили кишвар;
- аз нав барқарор намудани корхонаҳои коркарди ангур;
- тавсеа бахшидани содироти маҳсулоти алкоголӣ ба хориҷи кишвар;
- паст кардани андоз аз даромади маҳсулоти алкоголӣ;
- кам кардани воридоти маҳсулоти шароб аз хориҷи кишвар ва бартарӣ бахшидан ба маҳсулоти алкоголии маҳаллӣ;
- таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ оид ба рушди соҳаи шаробпазӣ ва коркарди маҳсулоти ангур.

Ҳамин тариқ, соҳаи шароббарорӣ дар Тоҷикистон аҳамияти бузурги стратегӣ дошта, рушду нумӯи он имкон медиҳад, ки маҳсулоти кишвар дар бозори ҷаҳонӣ шинохта шавад. Барои расидан ба ин ҳадаф ба мо лозим аст, ки пеш аз ҳама маҳсулоте ирсол намоем, ки ба талаботи ҷаҳонӣ мувофиқ бошад. Зеро ин соҳа аз замонҳои қадим дар байни ниёгони мо маъмул буда, маҳсулоти ангур ба сифати воситаи табобатӣ истифода мешуд. Ин гувоҳ бар он аст, ки мо тоҷикон дар ин соҳа таҷрибаи хуби корӣ дошта, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти ангуриро метавонем дар сатҳи ҷаҳонӣ бо истифода аз суннатҳои пешина рушду нумӯъ бахшем.

Ба ақидаи ходими калони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мамнӯъшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, номзади илмҳои таърих Абдурауф Раззоқов дар гузорише махтасар аз таърихи пайдошавии май (шароб) дар шаҳри Панҷакент гуфта гузашт ва иброз намуд, ки аз таъриху маданияти



аҳди бостон бармеояд, ки тайёр намудани май аз аҳдҳои хеле қадима, ҳанӯз аз ҳазорсолаҳои IV-III-и пеш аз милод оғоз ёфтааст. Шаҳодати ин гуфтаҳо бозёфтҳои бостоншиносист, ки аз ёдгории 5500 - солаи Саразми бостонӣ пайдо карда шудаанд. Намунаи барҷастаи он қадаҳҳои аз мармар сохташудаанд, ки дар Осорхонаи бостонии Миллӣ мамнӯъгоҳи ёдгории Саразм ба намоиш гузошта шудааст.

Баъдан дар ҳазорсолаҳои дуюми қабл аз милод оини Зардуштия нӯшокие ба номи "Хаома", ки аз растании Хомаи доманакӯҳҳои Зарафшон фаровонанд, тайёр мекунанд.

Усули тайёр кардани май чунин буд: Фасли тирамоҳ меваи хомро ба шакли пурра пухта, дар хӯшаҳои хеш меваи қаҳварангро омода месозанд. Мардуми маҳал ин меваро ҷамъоварӣ намуда, дар оби гарми ҳарораташ 700С меҷӯшонанд ва маҳлулро дар косаву зарфҳои махсус дар зери офтоб дар муддати 20-40 рӯз нигоҳ медоранд. Баъдан полида (полоиш, филтратсия) сохтани он ба истеъмол хумчун шарбати шароби бо номи "Хаома" истифода карда мешуд. Шароби "Хаома" дар ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон хоси дастархони ашрофону шоҳзодагони ориён ба ҳисоб мерафт.

Асрҳои баъдина дар аҳди антиқа ва аҳдҳои аввали асри миёнагӣ ҳангоми таҳқиқоти илмӣ-бостоншиносӣ аз ҳудудҳои шаҳри Панҷакент бисёр бозёфтҳои нодир пайдо карда шудаанд, ки паёме аз таърихи пайдоиш ва рушди парвариши ангур, тарзу усули коркарди шароб шаҳодат медиҳад.

Намунаи барҷастаи он коргоҳи машруботтайёркунии асри VIII ёдгории Панҷакенти қадим мебошад.

Тадқиқоти коргоҳи машруботтайёркунии солҳои 1988-1989 аз тарафи сардори экспедитсияи бостоншиносии Панҷакенти қадим Б.И.Маршак гузаронида шудааст.

Панҷакенти қадим дар масофаи 1,5 км ба самти ҷануби шарқ аз Панҷакенти имрӯза, дар самти сеюми баландии соҳили чапи дарёи Зарафшон шаҳраки давраи оғози асрҳои миёна (V-VIII милодӣ) "Бунҷканд" ва "Панҷакент" ҷойгир аст, ки бо ёдгории нодири мадании худ маълуму машҳури олам гаштааст.

Ба ақидаи И. Раҳматуллоев соли 1988 дар қисми ғарбии қалъаи ҳокими Панҷакент дар маҳаллаи Қайнарото, коргоҳи машруботтайёркунии асри VIII аз як бинои ҳаҷман 6,5×5м иборатбуда ёфта шуд. Дохили ин бино боз ду қисм тақсим мешавад, дар қисми ғарбии бино майдончаи ҳаҷман 2м×2м ёфт шуд, ки рӯи фарши онро бо хишти пухта васл намудаанд ва чор қисмашро бо ҳамин хиштҳо баланд бардоштаанд, ки он барои ғунҷоиши ангур мувофиқ карда шудааст. Аз рӯи ҳисоботи пешакӣ, тахмин кардан мумкин аст, ки ғунҷоиши ин хона барои ба пой қимма кардани 2 тонна ангур рост меояд.

Дар қисми шарқии ҳамин хонача дар масофаи 30 см чоҳи махсус ёфт шудааст, ки девори он бо ду-се қабат гаҷ андова карда шудааст ва тахмин кардан мумкин аст, ки ғунҷоиши он барои 200-300 литр оби ангур аст.



Коргоҳи машруботтайёркунии суғдиён пурра аз девори пахсагӣ ва хишти хом бино ёфтааст. Ин якумин коргоҳи машруботтайёркунӣ дар Панҷакент аст, ки тарзи тайёр кардани машрубот аз оби ангур ва сиклҳои пайдарҳами тайёркунии он низ ба назар мерасад, чунки берун аз бинои ин коргоҳ якчанд боқимондаи хумҳои калон ёфт шуд, ки онҳо ба замин гӯр карда шудаанд ва ҳамчун зарфҳои махсус барои нигоҳ доштан ва тайёр кардани машрубот истифода мешуданд. Дар таърихи ҳафриёти бостонии Панҷакенти қадим ин аввалин коргоҳи машруботтайёркунӣ аст, ки бо тамоми системааш боқӣ мондааст. Онро мо метавонем аз рӯи лоиҳаи аз нав барқарор намоем ва ҳамчун объекти таърихии ниёгон пешкаши тамошобинон гардонем. Ин коргоҳ дар таърихи барқароркунии ёдгориҳо якумин объекти намунавӣ мешавад, ки он аз рӯи лоиҳа барқарор мешуд ва шакли коргоҳи асри VIII-ро ба худ мегирад.

Баҳри баланд бардоштани соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсолӣ дар назди кафедраи технологияи истеҳсоли маводи хӯрока ва истеҳсолии ба номи И.И. Курбонов лоиҳаи илмӣ-амалӣ бо номи "Коркарди навъи маҳсулоти алкоголӣ, ғайриалкоголӣ ва консерваҳо бо истифода аз растаниҳои маҳаллӣ" шурӯъ карда шуд.

Ҳадафи гузаронидани тадқиқот ташкил намудани технологияи бепартови коркарди ғайристандартии кишти ангур дар ангурзор мебошад.

**А. ХУШМАТОВ, С. САДИКОВА,**
**омӯзгорони ДТТ**

Аз ҳаёти донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ

# ДАР ҲУНАР КӮШ, КИ ЗАР ЧИЗЕ НЕСТ





Вақте ки аз декани факултети технология ва дизайни донишгоҳ, профессор Иброҳимов Холназар Исломович дар бораи донишҷӯи беҳтарини факултет пурсон шудем, ӯ бо ифтихор гуфт, ки сафи донишҷӯёни фаъолу болаёқат ва ҳунарманд зиёданд, вале дар байнашон донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ Нодирмуҳаммад Давлатов аз ҳар ҷиҳат тафовут дорад ва афзуд, беҳтараш бо худи ӯ суҳбат менамудед, зеро сухан аз даҳони луқмон хуш аст гуфтаанд.

Баъди ин бо Нодирмуҳаммад Давлатов мусоҳибае анҷом додем, ки фишурдааш чунин аст:

**Нодирмуҳаммад, дар дунё касбҳо зиёданд, чаро маҳз ҳунармандиро пешаи худ қарор додед?**

– Аз хурдсолӣ орзуву ҳаваси ҳунарманд шудан доштам. Бо мурури вақт дар дилам меҳру муҳаббати ҳунармандӣ бештар гашту камтар не! Ихтисоси лоиҳакашии ороиши матои нассоҷии факултети технология ва дизайни Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб карданам маҳз завқу шавқ ва меҳру муҳаббати зиёди касбҳои ҳунармандӣ боис шуд.

**Дар бораи ҳунару ҳунармандӣ чӣ гуфтаниед?**



– Ҳунар аз кони лаълу
кони зар беҳ,
Ҳунар аз молу ашёи падар
беҳ.
Ҳунармандон агар толеъ
надоранд,
Ба ин бетолее боз ҳам
ҳунар беҳ.

Воқеан, ҳунарманд бой нашавад ҳам, хор намешавад.

Ҳунар омӯз к-аз
ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ, на
дарбандӣ.

гуфтани Низомии Ганҷавӣ фикр мекунам, ки ҷавоби саҳеҳу қаноатбахшест ба саволи шумо.

**Айни ҳол чанд ҳунарро аз бар кардаед?**

– На камтар аз 12 ҳунарро.

**Кадомҳоянд онҳо?**

– Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ;
– пора кардану дӯхтани либосҳои мардона ва занонаи миллӣ;
– бофтану дӯхтани нақшҳои болои матоъ ва чакан бо бигиз ва сузанҳои махсус;
– кандакорӣ дар болои чӯб, матоъ, фанер;
– гачкорӣ ва оинабандӣ;
– сангтарошӣ, ки ҳунари авлодӣ ва аҷдодиам мебошад;
– кафшергарӣ;
– сантехникӣ;
– дуредгари хонапӯшӣ;
– оҳангарӣ;
– заргарию заршӯӣ
– ронандаи чанд намуди трактору мошини борбардор.

**Бо ин ҷавонӣ (ҳамагӣ 23 сол дорад) аз худ кардани ин қадар касбу ҳунари зиёд бароят мушкилӣ пеш наовард?**

– Бузурге фармудааст:

**Мард бояд, ки ҳаросон
нашавад,
Мушкиле нест, ки осон
нашавад.**

Албатта, мушкилиҳо пеш меомаданд, вале сабру тоқат ва аз ҳама муҳимаш шавқу ҳаваси зиёд доштан ба касбҳои зикргардида имкон дод, ки мушкилиҳо ба зудӣ паси сар шаванд.

Охир, беҳуда нагуфтаанд ки:

Шавқ агар раҳбар шавад, ҳар санг гӯё мешавад.

**Нодирмуҳаммад, дар оянда чӣ нақшаҳо доред?**

– Дар урфият мегӯянд, ки ба як ҷавон 40 ҳунар кам аст. Мақсад дорам, ки дар давоми умрам кӯшишу ғайратамро барои аз худ намудани боқимондаи ҳунарҳои такрорнашуда равона кунам.




ам. Хусусан, дар чойхонаву меҳмонхонаҳои ҷумҳурӣ ҳунари кандакорӣ, наққошӣ, гачкорӣ, сангтарошӣ ва дигар ҳунарҳоямро дар асл бо ҳамроҳии устодону хешу табор истифода карда, сазовори таҳсину офаринҳо гардидаем.

**Ба онҳое, ки завқу ҳавас ва майлу рағбати аз худ кардани ҳунарҳои гуногунро доранд, чӣ гуфтаниед?**

– Гуфтаниам, ки донишу ҳунар омӯзанд, касбу ҳунари интихобнамудаашонро сидқан дӯст дошта, кӯшиш намоянд, ки устоди ҳақиқии касбу ҳунари хеш гарданд.



Хешро хушбахт меҳисобам, ки дар бисёр гӯшаву канори кишвари азизамон – Тоҷикистони биҳиштосо тавассути касбу ҳунарҳои азхудкардаам, ки воқеан ҳам дӯсташон медорам, нақши дастони худро гузоштаам.

Ба қавли шоир, ки фармудааст:

**Бе саъйи дурусту азми
комил,
Касро нашавад
мурод ҳосил.**

Илова бар ин, аз номи шоир барояшон гуфтаниам:

**Дар ҳунар кӯш, ки зар
чизе нест,
Ганҷу зар пеши ҳунар
чизе нест.
Ҳунаре неҳ, ки диҳад
симу зарат,
Ҳунари аз дилу ҷон
ранҷбарат.**

**Барои суҳбати самимӣ ташаккур!**

**Мусоҳиб
Раҷабалӣ ШАРИФЗОДА**





# МАҲОРАТ БАРОИ ОМӮЗГОР ЗАРУР АСТ

Дар ҷумҳурии мо рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад ва барои таълиму тадриси наврасони соҳибмаърифату созанда, боистеъдод ва сазовори халқу меҳан пайваста тадбирҳои муассир андешида мешаванд.

Қайҳо собит шудааст, ки миллат танҳо бо илму дониш, ақлу идрок дар назди аҳли башар метавонад сарбаланд бошад.

Маҳз даргоҳи мактаб макони асосии илму маърифат аст ва он дари илму донишро ба рӯйи фарзандони мо боз мекунад. Омӯзгор ҳамчун шамъи фурӯзон дар ин даргоҳ шогирдони хешро ба роҳи дуруст ва фатҳи қуллаҳои баланди дастоварду комёбиҳо раҳнамун сохта, аз ин меболад. Симои омӯзгори дӯстдошта ҳамчун роҳнамо дар хотири шогирдон якумрӣ нақш мебандад. Бахри расидан ба ин муваффакиятҳо омӯзгорро мебояд маҳорати баланди маърифатнокӣ ва касбӣ дошта бошад.

Қисмат ва қимати инсон ба ҷидду ҷаҳд, заҳмату талош вобаста аст. Ҳар кӣ заҳмату ранҷ бурд, комёб хоҳад буд. Ҳар як инсон аз меҳнати софдилона сарбаланду сарфароз ва фирӯзу комгор аст, ки ин ба ӯ шукӯҳу шаҳомат ва иззату эҳтиром меорад.

Маҳз чунин саъю талошҳо имрӯзҳо самараи хубе ба бор оварданд, ки ҳар ду шахсияти ба ном бузург "Омӯзгор", Абророва Моҳира Ҳамидуллоевна ва Ҳасанова Райхонгул Гадоевна бо медали Хизмати шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардиданд. Бахри мушарраф гардидан ба ин унвони баланд ҷидду ҷаҳди зиёде мебояд. Дастовардҳои омӯзгорон дар ин роҳ беҳниҳоят назаррасанд. Онҳо дар фаъолияти педагогии худ як қатор шогирдони навоварy ихтироъкорро ба камол расонидаанд, ки ин шоистаи таҳсину офарин аст. Шогирдони омӯзгорон дар олимпиадаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, муаррифии Лоиҳаҳои илмӣ-эҷодӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардидаанд, ки ин бевосита аз маҳорати баланди касбӣ ва фаъолияти эҷодии омӯзгорон шаҳодат медиҳад.

Табиист, ки омӯзгор бояд бофарҳангу маданӣ ва донишманду эҷодкор бошад, то ба пешрафти чароёни таълиму тарбия таъсири нек расонида тавонад. Дар баробари таълиму тарбияи шогирдон омӯзгорон Абророва М.Ҳ ва Ҳасанова Р.Г як қатор мақолаю китобҳои худро навишта ва мураттаб сохтаанд, ки онҳо дар маҷаллаю рӯзномаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он ба табъ расидаанд. Мақолаҳои навиштаи онҳо бештар аз таҷриба гирифта шуда, мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегиранд. Ба мисоли мақолаҳои омӯзгор Абророва М.Ҳ «Ҳидояти падар», соли 2017 рӯзномаи «Омӯзгор» «Васфи ҳунар дар осори бузургони адаб» соли 2018, «Саййидои Насафӣ –устоди ғазал» соли 2018, «Ҳунару илм сарчашмаи саодати мардум», «Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест! », «Лексияи қадам ба қадам» соли 2016 , «Дафтари луғат» аз фанни забон ва адабиёти тоҷик, барои синфҳои ҳафтум соли 2018, китоби «Сесад ғазали Хоҷуи Кирмонӣ» соли 2021 аз чоп баромадаанд. Омӯзгор Ҳасанова Р. Г мақолаҳои худро дар мавзӯъҳои "Сайёҳат аз фанни физика" солҳои 2009 – 2010 , "Интихоби мисолу масъалаҳо дар гузаронидани корҳои хаттӣ аз фанни алгебра" дар дастури методии " Маҷмуаи мақолаҳои методӣ", "Нақши методҳои мушоҳида ва индуксия дар ҷустуҷӯи тарзҳои ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ" дар китоби маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи " Саҳми Гадойбой Собиров дар таҳқиқи таърихи математикаи Осиёи Марказӣ" бахшида ба 75-солагии Гадойбой Собиров, китобчаи методӣ бо номи "Ҳалли нобаробариҳо" соли 2012, "Маҷмӯи корҳои санҷишӣ аз фанни алгебра дар синфи 8" соли 2013, "Технологияи нави сохтани фигураҳои геометрӣ" соли 2016, "Корҳои амалӣ аз фанни геометрия ҳамчун воситаи инкишофи тасаввуроти фазогӣ", "Тадбиқи методҳои табдилдиҳӣ дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ (планиметрия)" ва "Татбиқи теоремаи Пифагор дар илм ва техника" дар маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" солҳои 2016 – 2017, дар маҷалаи байналмилалии "Молодой Учёный" - и шаҳри Қазон мақолае бо номи "Применение различных способов решения геометрических задач для повышения заинтересованности учеников в самостоятельной работе" соли 2019, дар конфронси илмии ғоибона дар Эстония (Талин) бо номи "Развитие логического мышления у старших дошкольников средствами математических игр и упражнений» соли 2020 навишта, бахри чоп пешниҳод намудаанд. Соли 2014 хизматҳои шоёни муаллимаро ба назар гирифта, устодони муассиса дар бораи кору фаъолияташон дар рӯзномаи "Омӯзгор" мақолаеро бо номи "Хушбахтам, ки омӯзгорам" ба чоп расониданд.

Ҳамин тавр, дар ҷодаи омӯзгорӣ такмил додани маҳорати касбӣ шарти муҳим буда, ба инобат гирифтани он дар баланд бардоштани сифати таҳсилот ва фаъолияти худи омӯзгорон омили хубест.

Дар анҷом аз фурсати муносиб истифода бурда, тамоми омӯзгорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва литсейи инноватсионии "Душанбе"-ро бо иди касбиашон табрик намуда, барояшон сиҳатию саломатӣ ва дар фаъолияти омӯзгориашон комёбиҳои беназирро таманно дорам.

**ХАЙЛОЕВА Р.А.,**
***омӯзгори литсейи инноватсионии "Душанбе"***

**Забони давлатиро бояд дар пояи меъёрҳои адабӣ устувор сохта, онро аз ҳама гуна қолаби сунъии бегона ва унсурҳои лаҳҷавӣ озод кардан лозим аст. Дар робита ба ин таъкид месозам, ки инкишофи устувори забонро танҳо дар асоси риояи қоидаҳо ва қонуниятҳои меъёрӣ ва таърихии он таъмин кардан лозим аст.**

***

**Забони миллӣ рукни муҳимтарини давлатдорӣ буда, ҳифз ва риоя намудани меъёрҳо ва аз осори гаронбаҳои пешин бой гардонидани захираи луғавии ин забони нобу шоирона вазифаи ҳар як соҳибватан мебошад.**

***

**«Забон хишти аввалини кохи миллат буда, яке аз рукнҳои асосии давлати миллӣ ва нахустунсури тафаккури миллӣ мебошад»**

**Эмомалӣ Раҳмон**

***

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

**Тоҷикаму лафзи ман чу**
**шакар бошад,**
**Аҷдоди ман аз азал**
**суханвар бошад.**
**Дороии дигарон агар симу**
**зар аст,**
**Дороии ман забони**
**модар бошад.**

**Сайдалӣ Маъмур**

# ВСЕМИРНЫЙ ДЕНЬ УЧИТЕЛЯ

**Ежегодно 5 октября свыше ста государств отмечают Всемирный день учителя (World Teachers' Day). Это профессиональный праздник всех учителей, преподавателей и работников сферы образования – день, в котором отмечают важность роли и заслуги учителей в процессе качественного образования на всех уровнях, а также их неоценимый вклад в развитие общества.**

Исходя из истории возникновения этого праздника, сегодня существует пять главных фактов про День учителя:

1. День учителя относится к международным и отмечается 5 октября.

2. Международный день учителя был установлен в 1994 году ЮНЕСКО и подразделением образования Организации Объединенных наций.

3. Пятое октября было выбрано по той причине, что именно в этот день в 1966 году была принята международная рекомендация «О положении учителей». Это был первый документ, определяющий условия труда педагогов во всем мире.

4. Праздник посвящается всем просветителям мира – за их важный вклад в развитие общества. Цель Международного дня учителя состоит в том, чтобы напоминать о необходимости оказывать поддержку учителям – тогда они смогут передавать знания следующим поколениям.

5. Свыше ста стран мира присоединились к празднованию Всемирного дня учителя. Но при этом каждая страна выбирает свой путь празднования.

Например, в Республике Таджикистан День учителя отмечается каждое воскресенье первой недели октября. Это касается не только способа отмечания (мероприятий, подарков, премий), Тем не менее, торжество от этого не перестает быть международным.

День учителя – один из самых любимых профессиональных праздников. В этот день, во Всемирный день учителя, ООН предлагает родителям и всем гражданам на минуту задуматься о том, как изменил их жизнь хороший учитель, память о котором они сохранили. Учитель – это не только человек, обучающий наукам, но еще и носитель духовности и нравственного начала. Учителя выполняют особую гражданскую миссию – воспитание молодого поколения. Их знания и опыт, преемственность традиций и новаторство лежат в основе каждой школы.

В этот день учителя принимают поздравления от своих воспитанников, которые дарят им цветы и подарки, устраивают концерты, рисуют красочные стенгазеты и по традиции во многих школах проводят День самоуправления.

Сегодня хочется сказать добрые пожелания всем, кто посвятил себя образованию и воспитанию нашего будущего молодого поколения.

Дорогие наши учителя, педагоги, коллеги!!! От всей души поздравляем вас с профессиональным праздником, с Днём учителя! От чистого сердца говорим вам большое спасибо за бесценный труд и старания, за доброе, искреннее сердце, за ваше упорство и несгибаемый оптимизм. Дорогие наши коллеги, спасибо вам за щедрость ваших сердец, безграничное терпение и понимание, преданность делу и любовь к своим подопечным. Быть учителем – нелёгкий труд, поэтому желаем вам бодрости тела и духа, неустанного поиска истины и знания, взаимопонимания в коллективе, больше радости в жизни, личного благополучия, достойной зарплаты и хороших, благодарных, любознательных и любящих учеников и студентов. Желаем вам крепкого здоровья, профессионального роста, оптимизма и высокой оценки вашего нелёгкого труда.

**Спасибо вам огромное за то,**
**Что к знаниям вы показали**
**нам дорогу**
**И направляли, несмотря на то,**
**Что неусидчивыми были мы**
**немного.**

Вы помогли открыть нам новый мир:

**За партой сидя видели моря**
**и океаны.**
**Узнали мы, из чего делают**
**пломбир,**
**Язык учили, чтоб в другие**
**ездить страны.**

**Спасибо вам за ваш нелёгкий труд,**
**Терпение и беспристрастную**
**оценку.**
**Пусть в доме вашем царствует уют,**
**И сбудутся мечты все непременно.**

**Умарова Бахора Хайдаровна к.п.н.,**
**доцент кафедры русского языка и профессионального образования ТУТ**

## АВВАЛИН ДАСТУРАМАЛИ ГЕОГРАФӢ



Муҳаммад Мӯсои Хоразмӣ аз ҷумлаи донишмандоне ба шумор меравад, ки бори нахуст дар китобаш «Сурат–ул–арз» Заминро тасвир намудааст.

Хоразмӣ дар китоби мазкур хатто аз камари Замин, ки аз миёни укёнуси Атлантик мегузарад, иттилоъ додааст.

«Сурат–ул–арз» аз асарҳоест, ки бо ақидаҳои илман асосноккардашуда дар саросари ҷаҳон маъруфият дорад ва аввалин дастурулмали ҷуғрофӣ шинохта мешавад. Назарияҳои дар китоб баёнгашта дар илми ҷуғрофия то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд.

**Таҳияи**
**Фарзона Файзалӣ**

## ЧАРЛИ ЧАПЛИН ДАР КӮЧАҲОИ ПЕШОВАР



Фурӯшандаи покистонии бозичаҳо Усмон Хон ҳангоми пандемияи коронавирус тасмим гирифт, ки одамонро шод намояд. Ӯ монанд ба либосхои ҳачвнигори маъруф Чарли Чаплинро пӯшида, моҳирона гаштугузор менамояд.

Ба шарофати шабакаҳои иҷтимоӣ, Усмон Хон басо маъруф гардид. Ба аккаунти ӯ бештар аз 800 ҳазор нафар аъзо шуд.

Чарлии покистонӣ барои ҳунарнамоиҳояш пул намегирад, ӯ инро як навъ эҳсонкорӣ меҳисобад. Ҳарчанд мехоҳад, ки бо ин роҳ дар кино ва ё телевизион роҳ ёбад, сарватманд гардаду ба сокинони камбизоати Пешовар ёрӣ расонад.

**Таҳияи**
**Барноз Раҳмоншоева**

## ПАНДИ ПАДАР

Бонуе бо номи Наталя Сатс айёми кӯдакиашро ба ёд оварда мегӯяд:

– Боре, ҳангоми бозӣ, яке аз дӯстонам, ки писарбача буд, маро зад. Дарҳол ранҷида, ба падарам аз ин аъмоли ӯ шикоят бурдам. Вале ғайричашмдошт, падар маро ба назди дӯстам бурда, ба ӯ пул дода гуфт: “Ҳар боре, ки духтарамро занӣ, боз пул хоҳӣ гирифт”.

Баъдан, дар хона насиҳатам дод: “ҳаргиз ба шикоят кардан одат макун. Зиндагӣ мушкилоти зиёде дорад. Бикӯш то бе ёрии касе онҳоро рафъ намоӣ. Танҳо ҳамон вақт комёб хоҳӣ шуд”.

**Аз русӣ тарҷумаи**
**Хуршед Толибов**

## РЕКОРДСМЕНИ ЭҲСОНКОР

Фрэнк Ротвелли британӣ рекорди нави ҷаҳонӣ гузошт. Ӯ куҳансолтарин сайёҳе мебошад, ки ба танҳоӣ укёнуси Атлантикаро убур намуд. Нафақахӯри 70-сола роҳро аз Тенерифе то ҷазираи на чандон калони давлати Антигуа ва Барбуда дар 56 рӯз тай мекунад. Дар маҷмӯъ, дарёгарди пир наздики 5000 километрро пушти сар менамояд. Ротвелл сайёҳи ботаҷриба буда, бо завраки дорои панели офтобӣ чандин бор қитъаҳои Америкои Шимолӣ ва Ҷанубиро шино карда, чор сол қабл барояш фатҳи қуллаи баландтарини Африко Калиманҷаро муяссар мегардад. Дар сафари охиринаш ӯ қариб 900 ҳазор доллар ба даст овард. Ӯ тасмим гирифт, ки маблағро ба олимоне бубахшад, ки дарёфти муоличаи беморӣ Алсгеймерро (заифшавии асабро) таҳқиқ доранд.

**Таҳияи**
**Сайфулло Ашуров**

## АЛБЕРТ ЭЙНШТЕЙН МЕГӮЯД, КИ 20 СОЛ МУАЛЛИМӢ КАРДАМ, ЛЕК:

1. Ҳеҷ гоҳ дафтари ҳозируғойиб надоштам. Зеро дарс бояд он қадар ҷаззоб бошад, ки бидуни дафтари ҳозируғойиб шогирдат ба дарс биёяд.

2 Ҳеҷ гоҳ саъй накардам, ки толибилмонро ғамгин созам, чунки мактаб хонаи дуюми шогирдон аст.

3 Ҳар шогирде, ки дер омад, ба синф роҳаш додам. Чун медонистам, ки агар 10 дақиқа ба дарс дер ояд ҳам, эҳсоси масъулият кардааст.

4 Ҳеҷ гоҳ шогирдеро дар дафтар (идора, кабинет) мунтазир накардам, чун медонистам, ки ин амал шикасти ғурури ӯ мешавад.

5 Ҳамеша саволҳое медодам, ки мутмаин будам шогирдон ҷавобашро медонанд, одатан кадомеашро намедонанд, намепурсидам...

**Таҳияи**
**Нигина Раҳмон**



## БОЗЁФТИ МАҲЛУЛИ ОРОИШИИ 2700-СОЛА

Олимони Академияи илмҳои Чин дар қабри ашрофзодае маҳлули ороишиеро пайдо карданд, ки таърихи 2700-сола дорад. Кофтуковҳо дар мавзеи Людзява дар шимоли Чин анҷом дода шуданд. Бозёфт ба давраи ба истилоҳ “Баҳор – Тирамоҳ-и Чин (771-476 пеш аз мелод) тааллуқ дорад.

Маҳлули ороишӣ дар дохили кӯзаи биринҷӣ буд ва аз ду ҷузъи асосӣ – чарбуи ҳайвон (ба эҳтимоли зиёд чорпоёни парваришёфта) ва ҷавҳари сафед бо номи “Шири моҳ”иборат аст. Ин бозёфт намунаи аввали истеҳсоли маҳлулҳои ороишӣ дар Чин ба ҳисоб меравад.

Тибқи хулосаи олимон, он мебоист рӯи одамро сафед намуда, мақоми баланди ӯро таъкид мекард.

**Таҳияи**
**Комрон Сафар**

## ЧАРО ЧИНИҲО АЗ ИСТИФОДАИ ВЕЛОСИПЕДҲО ДАСТ МЕКАШАНД?



Тамоми дунё медонад, ки Чин кишвари велосипедронҳост. Дақиқтар бигӯем, ҳамин тавр буд. Имрӯз вазъият куллан дигар шудааст. Чанд сол пеш кӯчаҳои Шанхай пур аз нафароне буд, ки бо велосипед ҳаракат мекарданд. Ин наклиёти асосии шаҳр маҳсуб мешуд, ки ҳама аз хурд то калон аз он истифода мебурданд.

Чаро имрӯз аз ин воситаи наклиёт истифода намебаранд ва онро ба партовгоҳ месупоранд? Бояд тазаккур дод, ки вақтҳои охир Чин бо суръати баланд ба технологияи нав гузаштааст. Одамон дигар ба истеҳсолоти кухнашуда чой намедиҳанд, аз ҷумла ба велосипед низ.

Алҳол дар маҳалҳои аҳолинишини ин кишвар мошинҳои пур аз дучархаро мебинед, ки ба партовгоҳҳо равонанд. Велосипедҳои анъанавиро бошад, босуръат веломобилҳои баркӣ ва дигар воситаҳои наклиётие, ки мутобиқ ба замонанд, иваз менамоянд.

**Таҳияи**
**Раҷабалӣ Исматуллоев**

## ВАСИЯТНОМА – РОМАН

Бонуи амрикоӣ Фредерика Эвелин Стилуэл Кук шахсе шинохта мешавад, ки тӯлонитарин васиятномаро дар ҷаҳон таҳия кардааст. Он беш аз 95 ҳазор калимаро дар бар мегирад.

Ҳарчанд Фредерика сарвате надошта бошад ҳам, вале тӯли ҳаёташ дӯстон ва душманони зиёдеро пайдо намуд. Аз ин рӯ, ӯ дар васиятномаи ба ҳар яки онҳо чанд сатре бахшидааст. Барои эҷоди чунин санади ғайриодӣ Фредерика 20 соли ҳаёти худро сарф менамояд. Тааҷҷубовар аст, вале баъзеҳо бар ин ақидаанд, ки агар васиятномаро нашр намоянд, аз романҳои хондании замона камӣ нахоҳад дошт.

**Таҳияи**
**Гулистон Мавлоназарова**

## АДИБОНЕ, КИ ТО 25-СОЛАГӢ НОМ БАРОВАРДААНД



Нависандаи шинохтаи англис, бонуи бомаҳорат Мэри Шелли соли 1797 дар шаҳри Лондон ба дунё омадааст.

Чун волидонаш донишманд буданд, ӯ дар мактабҳои пешрафтатарини Лондон дарс мегирифт. Инчунин, ба шарофати онҳо Мэри бо нависанда ва шоири мумтоз Перси Биш ошно мешавад. Дере нагузашта Перси Биш мафтуни Мэри шуда, бо ӯ издивоҷ мекунад.

Мэри Шелли дар эҷоди асар қобилияти фавқулода дошт. Соли 1818 романаш “Франкенштейн Прометейи сонӣ” ба табъ мерасад, ки ба ӯ шуҳрати ҷаҳонӣ меорад. Чуноне муҳаққиқон эътироф мекунанд, ин роман аввалин асари илмӣ-тахайюлӣ дар адабиёти ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

**Таҳияи**
**Иронбӣ Мӯсозода**

## НАВРАСЕ, КИ ДАР ЧАНД МОҲ МИЛЛИОНЕР ШУД



Палмер Лаки – кӯдаке, ки як замон танҳо машғули бозиҳои видеоӣ буду рӯзашро дар гараж бо ихтирои асбобе кӯр мекард, имрӯз яке аз машҳуртарин тоҷирони дунёст.

Ҳамаи муваффақиятҳояш аз ихтирои айнаки виртуалӣ ва нашри ин идея дар сомонаи “Кикстартер”оғоз ёфт. Бо ин амалаш, ӯ дар фосилаи кӯтоҳ 250 ҳазор доллари ИМА ба даст овард. Дар як моҳ ин нишондиҳанда ба 2,4 миллион доллар расид. Баъд аз ду сол, ҳангоме, ки 21 сол дошт, шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” ширкати ӯ Oculas VR-ро бо нархи 2,3 миллион доллар харид. Тибқи хулосаи маҷаллаи “Форбс”, соли 2018 дороияш 700 миллион долларро ташкил медод.

**Таҳияи**
**М. ҚОДИРОВ**

# ДОНИШГОҲИ АЗИЗИ МАН

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамқадами Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, 30 - солагии таъсисёбии худро моҳи сентябри соли 2020 таҷлил намуд. Донишгоҳ бо Қарори Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 1990 таҳти №207 ҳамчун Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон ва соли 1991 бо Қарори Девони Вазирони ИҶШС аз 29 июли соли 1991 таҳти №530 ва Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 1991 ба Донишкадаи технологии саноати сабук ва хӯрокворӣ ва бо Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон №80 аз 19 феврали соли 1993 ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон табдил дода шуд

***

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон яке аз аввалин донишгоҳҳои ҷумҳурӣ буд, ки бо назардошти таъмин намудани соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар бо мутахассисони самти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз 1-уми сентябри соли 1998 тайёр намудани мутахассисонро аз рӯи равияи барномасоз оғоз намуд.

***

Аз октябри соли 2001 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон яке аз муассисон ва аъзои TARENA – Ассотсиатсияи байналхалқии истифодабарандагони шабакаҳои компютерии илмӣ ва таълимотӣ гашт. 1-уми ноябри соли 2001 бошад, дар назди донишгоҳ Интернет-кафе кушода шуд.

***

Соли 2003 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 471 аз 25-уми октябр дар шаҳри Кӯлоб филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кушода шуда, аз 1-уми сентябри соли 2004 ба фаъолият шурӯъ намуд.

***

Донишҷӯёни донишгоҳ дар соли 2004 дар мусобиқаи умумиҷумҳуриявӣ бахшида ба 80-солагии шаҳри Душанбе, инчунин спартакиадаи шаҳрӣ ва ҷумҳуриявии донишҷӯён, дар бозиҳои Осиё ширкат варзида, соҳиби 84 медал гардиданд, ки аз ин миқдор понздаҳтоашро медали тилло ташкил намуд.

***

Рӯзи 1-уми сентябри соли 2011 барои коллективи чандҳазорнафараи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаромӯшнашаванда аст. Ифтихори тамоми ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ пеш аз ҳама, ташриф овардан ва суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш дар донишгоҳ мебошад. Рӯзи 1-уми сентябри соли 2011 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави таълимии факултети муштараки тоҷикӣ-украинӣ кушода шуд.

***

Моҳи декабри соли 2013 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз ҷониби Агентии Интерфакс ягона донишгоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шуд, ки ба беҳтарин 200 донишгоҳи кишварҳои ИДМ шомил карда шудааст. Дар натиҷаи мониторинги Агентии Интерфакс дар байни 400 донишгоҳи беҳтарини ИДМ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷои 151-умро ишғол намуд.

***

Барои омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ бо қарори Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2018, №6 дар назди донишгоҳ Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-039 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ва дараҷаи илмии номзади илм таъсис дода шудааст. Дар ин Шӯро аз соли 2018 то ҳол 12 нафар рисолаҳои номзадӣ ва доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосро ҳимоя намуданд, ки аз онҳо 7 нафарашон омӯзгорони донишгоҳ мебошанд.

***

Бо қарори Шӯрои аккредитатсионии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 28 феврали соли 2020, №49 ду барномаи таълимии донишгоҳ ба муҳлати 5 сол ва як барномаи таълимӣ ба муҳлати 3 сол соҳиби Шаҳодатномаи байналмилалии аккредитатсияи барномавӣ гардиданд.

***

Дар тӯли 30 соли Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 14000 нафар мутахассисони баландихтисосро тайёр кардааст, ки беш аз 600 нафари онҳо сазовори дипломи аъло гардидаанд.

***

Дар айни замон дар донишгоҳ 280 нафар омӯзгор, аз ҷумла 22 доктор ва 127 номзади илм фаъолият доранд. Сатҳи дараҷа ва унвони илмидоштаи ҳайати омӯзгорони донишгоҳ 54,7%-ро ташкил медиҳад.

***

То имрӯз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо зиёда аз 132 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, созмону ширкатҳои хориҷӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ шартнома ва созишномаҳои тарафайн ба имзо расонидааст.

***

Мақсади асосии созишнома ва шартномаҳо тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир, такмили ихтисос ва маҳорати касбӣ, тайёр намудани кормандони илмӣ дар асоси аспирантура ва докторантура, мубодилаи академии омӯзгорон ва донишҷӯён, мубодилаи афкор оид ба адабиёти таълимӣ мебошад.











Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:

Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха.*